Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич "Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D020303 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Масоили муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX дар бисёр манбаъҳои хаттӣ инъикос ёфтааст. Маҳз бо такя ба маълумоти дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва осори муаррихони замон ҷой дошта, муҳаққиқон воқеъияти охири асри миёна ва давраи нави ин давлати минтақаи Осиёи Миёнаро мавриди таҳқиқот қарор дода, ба натиҷаи назаррас соҳиб гардидаанд.

Дар ин ҷода ба хусус метавон арзиши ниҳоят баланди маъхазӣ ва илмии осори муаррихони ин давра "Туҳфату-л-хонӣ"-и Муҳамадвафои Карминагӣ, "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития"-и Аҳмади Дониш, "Туҳфаи шоҳӣ" ва "Таърихи салотини манғития"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бустонӣ, "Таърихи амирони манғити Бухоро"-и Муширифи Бухороӣ, "Таърихи ҳумоюн"-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ, "Таърихи амирони манғитияи Бухоро"-и Садриддин Айнӣ ва ғайраро қайд кард.

Табиист, ки дар навиштаҳои муаллифони номбурда, вобаста ба мавқеи иҷтимоии баъзе аз онҳо, ки дар хизмати дарбор қарор доштаву дигарон мутааллиқи қишри одии аҳли заҳмат будаанд, ақидаҳои мухталиф ба назар мерасад. Вале дар маҷмуъ, барои хулосабардории воқеан илмӣ, зарурати таҳлили муқоисавии онҳо ҳамеша эҳсос мешавад.

Бесабаб нест, ки дар таърихнигории миллӣ ва минтақавӣ аз солҳои 30-юми асри гузашта то ба имрӯз рӯ овардани муҳаққиқон ба осори онҳо чун талаботи анъанавии барои илми таърих роиҷ қабул шудааст. Тамоми олимони ба ин ё он дараҷа ба таърихи охири асри миёна ва нави минтақа иртибот дошта, дар таҳқиқоти худ маълумоти дар осори муаррихони ин давра ҷой доштаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Ин дар

тамоми таҳқиқотҳои мавзуӣ ва бунёди ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, бахусус Тоҷикистон равшан ба назар мерасад.

Дар марҳалаи кунунии таърихнигории миллӣ, ки аз талаботи мустақилияти комили давлатӣ бармеояд, таҳқиқоти таърихи начандон дури халқи тоҷик аҳамияти хоса пайдо кардааст. Хусусияти ин давра дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба таҳаввулоти сиёсии замон ва муносибатҳои нави истеҳсолӣ, пайдоиши ғояҳои маорифпарварӣ, барои дар оянда ибтидо гирифтани талоши эҳёи давлатдорӣ, заминаи мувофиқ пайдо шуда буд. Аз ин рӯ таҳқиқи ин раванд, аз талаботи таърихнигории муосир бармеояд.

Бо назардошти дар доираи ҳамин зарурат, амиқан муайян намудани дараҷаи инъикоси вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX, ки дар таърихнигории миллӣ то кунун мавриди таҳқиқи нисбатан мукаммали илмӣ қарор наёфтааст, пешниҳод гардидани ин рисолаи унвонҷӯ барои дифоъ аз масоили мубрам ва падидаи назаррасе дар таърихнигории миллӣ ҳисоб хоҳад ёфт. Ин худ шаҳодатест аз мубрамияти мавзуи диссертатсия.

Унвонҷӯ Изатов Юсуфбек Миралиевич, хатмкардаи зинаи таҳсилоти магистратура (2017-2019) ва докторантураи фалсафа (PhD)-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ (2019-2022) мебошад. Мавзуи илмии ӯ дар шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институт тасдиқ ва иҷро шуда, ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Рисолаи диссертатсионии Изатов Юсуфбек «Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX» аз рӯи банду баст аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати

адабиёти истифодашуда иборат буда, доираи васеи таърихнигории масъалаи ҳадафи таҳлил қарорёфтаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши илмии мавзуи таҳқиқшаванд, ҳадаф ва вазифаҳои он арзёбӣ гардида, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин навгониҳои илмӣ ва амалӣ дар доираи талаботи рисолаи диссертатсионӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, унвончӯ дуруст қайд кардааст, ки таҳқиқоти таърихнигории арзиши сарчашмавӣ ва нақши ҳар яке аз муаллифони номбурдаро дар инъикоси воқеияти замон муайянкунанда то кунун рӯи кор наомадааст. Ин худ нишондиҳандаи мубрамияти масъалаи ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дошта, ҳисоб меёбад.

Боби аввали диссертатсия – "**Инъикоси воқеаҳои сиёсии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX",** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – **"Маълумоти шарҳиҳолии муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX"**, унвончӯ доир ба ҳаёту фаъолияти муаррихони Бухорои нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX маълумоти хеле муҳими шарҳиҳолии оварда, бо ин арзиши мантиқии рисоларо дар сатҳи зарурӣ тақвият бахшидаст.

Дар зербоби дуюм –**"Нигоҳи муқоисавӣ ба дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии аморати Бухоро"**, ахбори манобеи хаттӣ дар хусуси ҳаводиси сиёсии аморати Бухоро баррасӣ шуда, диссертантро ба хулосае овардааст, ки инъикоси таърихи Бухоро дар таълифоти муаррихони дарбор нисбатан васеъ инъикос ёфта, таваҷҷуҳи содиқонаи муаллифон ба амирони манғитӣ равшан эҳсос мегардад. Аз диди унвончӯ чанде аз муаллифон мисли Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ хеле фишурда бошад ҳам, фаъолияти амирон ва вазъи замонро воқеъбинона инъикос намудаанд. Муҳамадвафои Карминагӣ, Мушрифи Бухороӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ бошанд, хилофи воқеият ба тавсифи амирон бештар мароқ зоҳир намудаанд. Бо эҳсоси чунин гуногунназарӣ, унвончӯ маҷмуан рисолаҳои онҳоро дар инъкиоси таърихи Бухоро, хусусан

масоили сиёсии нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX манбаи муҳим ва арзишманд ҳисоб мекунад.

Боби дуюми диссертатсия **"Инъикоси вазъи иқтисодии аморати Бухоро дар осори муаррихони маҳаллӣ"** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми он – **"Баррасии вазъи кишоварзии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ"** масоили кишоварзӣ таҳқиқ гардидааст. Аз рӯи хулосаи унвончӯ дар осори Аҳмади Дониш, Муширифи Бухорой, Мирзо Абудулазими Сомӣ, Садриддин Айнӣ, Содиқхочаи Гулшанӣ вазъи кишоварзии Бухорои нимаи дуюми асри XVIII– ибтидои асри XX то андозае равшан инъикос ёфтааст. Маълумоти онҳоро мушоҳидони руси ба минтақа сафар дошта, мисли Н. Маев, Д.Н. Логофет ва дигарон тақвият бахшидаанд. Таҳлили муқоисавии осори муаллифони маҳаллӣ ва мушоҳидони руси ба Бухоро сафари илмию расмӣ дошта, ба унвончӯ барои хулосабардории воқеъбинона имконияти бештаре фароҳам овардааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **"Ҳунармандӣ ва савдо дар Бухорои миёнаи асри XVIII-ибтидои асри XX дар осори муаррихон"** ба таҳқиқи таърихнигории мукаммали ин масъала бахшида шудааст. Гарчанде аз рӯи маълумоти дар осори муаррихони номбурда, истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ, талаботи сокинони маҳаллиро то андозае қонеъ мекард, вале тибқи хулосаи муқоисавии унвончӯ он ҳанӯз аз ҷиҳати сифат ба талаботи бозори савдои берун аз минтақа, бо сабаби суст будани муносибатҳои феодалии истеҳсолӣ, пурра ҷавобгӯ буда наметавонист. Пас аз ба Руссия ҳамроҳ кардани минтақа ва дар таъсири империяи подшоҳӣ қарор ёфтани аморати Бухоро, тиҷорати дохилӣ ва берунӣ вусъати тоза пайдо кард, ки барои истеҳсоли баъзе намуди ҳунармандӣ бетаъсир буда наметавонист.

Боби сеюм "Баррасии вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар манобеи хаттӣ" аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **"Инъикоси тарзи андозситонӣ дар аморати Бухоро"** нақши муаррихони номбурда доир ба масоили андозситонӣ ва хусусиятҳои он то андозае

воқеъбинона кушода шудааст. Тибқи хулосаи унвончӯ, ки аз осори муаррихони замон ва дигар маъхазҳо бардоштааст, дар нимаи дуюми асри XVIII– ибтидои асри XX дар аморати Бухоро зиёда аз 40 намуди андоз дар ҳукми иҷро ба ҳисоб гирифта шудааст. Андозҳои хироҷ, закот ва дигар навъи онҳо ченаки муайян надошта, ба талаботи шариат мувофиқат намекард. Меъёри ситондани онҳо ба хоҳиш ва нафси шахсони мансабдор вобаста буд.

Дар зербоби дуюм "Таҳлили ҷунбишҳои халқӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ" чи тавре аз унвони он бармеояд, ҷунбишҳои халқӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Унвончӯ дуруст хулоса бардоштааст, ки гарчанде шӯру ошӯбҳои халқӣ дар замони ҳокимиятдории амирони манғития хеле зиёд буданд, вале дар осори чанде аз муаррихони аз ҷазои ҳокимон ҳарос дошта, онҳо пурра ҳадафи таҳлил қарор наёфтаанд. Вале аз инъикоси муқоисавии дар таълифоти онҳо ҷой дошта маълум мешавад, ки аҳли заҳмат ҳамеша зидди истимор дар ҳолати муқобилият қарор дошт. Таҳқиқоти муаррихони шӯравӣ ва замони истиқлолияти комили давлатӣ доир ба ин ҷунбишу шӯришҳои дар аморат арзи ҳастӣ намуда, маълумоти муаррихони қаблиро тақвият бахшидаанд.

Зербоби сеюми боби ниҳоӣ ба таҳлили вазъи фарҳангии аморати Бухоро ва дараҷаи инъикоси он дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX бахшида шудааст. Унвончӯ дар асоси далелҳои муътамад, мушахасан нишондиҳандаҳои фарҳангии аморат ва нақши халкунандаи тоҷикон дар нигаҳдошти анъанаҳои таърихии онро бо усули корбурди муқоисавӣ бо таҳқиқотҳои дигар мутахассисони соҳа, кушода тавонистааст.

Дар хулоса, натиҷаи таҳқиқот ва пешниҳодҳои диссертант, бо далелҳои дар рисола ҷой дошта ба таври асоснок ҷамъбаст шудаанд.

Нуктаҳои асосии рисола ба таври зарурӣ асоснок ва бо далелҳои муътамади илмӣ-назариявӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва маърӯзаҳои унвончӯ дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Албатта ин рисола, мисли дигар таҳқиқоти илмӣ, аз баъзе камбуду норасоиҳо пурра орӣ буда наметавонад. Табиист, ки муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ, ба ин ишора хоҳанд кард. Унвончӯ бешубҳа дар рафти тайёр намудани рисола барои чоп, эроду маслиҳати мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаро бо майли сипос ба инобат хоҳад гирифт.

Хулоса, диссертатсияи Изатов Юсуфбек Миралиевич дар мавзуи **«Аморати Бухоро дар осори муаррихони нимаи дуюми асри XVIII-ибтидои асри XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300-Таърих, ихтисоси 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 -Таърих, ихтисоси 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, узви вобастаи АМИТ,
доктори илмҳои таърих,
профессор **Пирумшоев Ҳ.**
“ 3 ” марти соли 2026
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.-221-37-42.

Имзои Пирумшоев Ҳ.-ро тасдиқ мекунам;
Нозири кадрҳои Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.
“ 4 ” 03 соли 2026
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.-221-37-42.